**«Тасдиқ мекунам»**

Проректор оид ба илм ва корҳои

нашриявии МДТ «ДДТТ ба номи

Абӯалӣ ибни Сино», д. и.т. профессор

_______________ **Муҳаббатзода Ҷ.Қ.**

«____» ___________________2021

**ХУЛОСАИ**

МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои клиникӣ -лабораторӣ ва такмили муоличаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш»** дар кафедраи дерматовенерологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ иҷро карда шудааст. Дар давраи омодасозии диссертатсия Гадоев Маъруф Аҳмадович унвонҷӯи кафедраи дерматовенерологияи Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» буд.

Соли 1998 ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо ихтисоси «Педиатр» хатм намудааст.

Солҳои 1998 – 1999 курси интернатураро бо ихтисоси «Дерматовенеролог» дар кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаштааст.

Шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 29 апрели соли 2021 аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дода шудааст.

**Тасдиқи мавзӯи рисола:** 28 декабри соли 2017 дар суратҷаласаи № 4 – и шурои олимони факултаи нигоҳдории тандурустии ҷамъиятии Муассисаи давлатии

таълимии «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: номзади илмҳои тиб, дотсенти кафедраи дерматовенерологияи Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» Саидзода Бахромуддин Икром.

**Мушовири илмӣ:** номзади илмҳои тиб, мудири шуъбаи ҷарроҳии қафаси сина ва бемориҳои шуши Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» Сангинов Абдурасул Бобоевич.

Аз рӯи ҷамъбасти муҳокимаҳо хулосаи зерин қабул шуд:

## Мубрамияти мавзӯи тадқиқот

Сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда яке аз мушкилоти мубрами соҳаи тиб ба шумор меравандˌ ки ин ба паҳншавӣ ва инкишофи оризаҳои вазнини функсияҳои репродуктивӣ вобастагӣ дорад. Сабабҳое, ки боиси афзоиш ва паҳншавии сироятҳои урогениталӣ мегарданд, бемориҳои ҳамроҳшуда мебошанд, ки ба норасоии масуният бурда мерасонанд. Аз ҷумлаи чунин бемориҳо сили шуш мебошад, ки яке аз сироятҳои паҳншуда дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [Бемории сил дар Тоҷикистон: вазъи эпидемиологӣ ва чораҳои пешгирикунанда, 2020]. Дар беморони гирифтори СБРАҶГ-и урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш, тамоюли беморон ба одатҳои бад (сӯиистифода аз машрубот ва тамокукашӣ - дар 38,4% беморон) [Дробот Н.Н. ва муаллифон, 2015; Дмитриев В.А. , 2018], омилҳои иҷтимоӣ (шароити бади моддӣ - маишӣ, набудани шуғли кору таҳсил, мавқеи пасти маълумоту рӯзгор бо сабаби бекорӣ, муҳоҷират ва сатҳи баланди серфарзандӣ) [Анисимова Н.С. 2011; Калабеков И.Г., 2011; Бобохоҷаев О.И., 2012; Мордик А.В., 2015] ошкор карда шуданд.

Муаллифон чунин мешуморанд, ки синну соли ҷавонӣ омили номусоиди афзоиши бемории сил мебошад, хусусан дар байни занон, ки солҳои охир бемории сили шуш дар байни онҳо 35,2% афзудааст [Дробот Н.Н. ва диг., 2013; Шилова М.В., 2014]. Таҳқиқотҳои баъзе муаллифон ошкор кард, ки дар беморони

гирифтори шаклҳои харобиовари сили шуш дар 73% ҳолатҳо сироятҳои хламидиавӣ ва микоплазма ошкор мегарданд [Кубанова А.А., 2012; Кравченко Е.Н. 2015; Arif N., 2017]. Ҳамзамон, натиҷаҳои гузаронидани курси муолиҷаи заминавии резонансӣ дар ин беморон ҷиҳати бартарафсозии сирояти хламидиавӣ самаранокии муолиҷаи комплексии сили шушро то 89,1% боло бурдааст [Кубанова А.А., 2012; Мавров Г.И. ва диг, 2014; Лазаренко Л. ва дигарон, 2015].

Маълум аст, ки сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда боиси вайроншавии низоми иммунӣ мегарданд ва ба ин раванд вайроншавиҳо ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи системавӣ ҳамроҳ мешаванд [Штил О.О., 2010; Banchereau J. et al., 2012]. Дар беморони гирифтори сили шуш бошад, ин сироятҳо дар заминаи норасоии дуюмдараҷаи масунӣ ва функсионалии ҳуҷайраҳои иммунокомпетентӣ ба амал меоянд [Мордвинов В.А. ва диг., 2009; Перепанова Т.С., 2013].

Ҳамин тариқ, сили шуш ва сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда бемориҳои сироятии дорои роҳҳои гуногуни гузариш, вале хусусиятҳои якхелаи эпидемиологӣ мебошанд, яъне дар байни гурӯҳҳои шабеҳи аҳолӣ, дар байни табақаҳои муайяни тиббӣ - иҷтимоии ҷомеа - дар байни ҷавонон паҳн шуда, боиси мушкилоти системаҳои репродуктивӣ мегарданд.

Дар ҶТ тадқиқотҳо оид ба омӯзиши хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ ва табобати сироятҳои урогениталӣ дар заминаи норасоии масуният, ки аз сили шуш ба вуҷуд омадаанд, гузаронида нашудаанд.

Вобаста ба гуфтаҳои дар боло зикршуда, ҳадафи ин тадқиқот беҳтаркунонии муолиҷаи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаи урогениталӣ дар беморони гирифтори бемории сили шуш бо назардошти хусусиятҳои клиникӣ - лабораторӣ ва вайроншавиҳои масунии муайяншуда буд.

## Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда

Муаллиф дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ доираи корҳоеро муайян намуд, ки онҳо ба муайянсозии ғояҳои асосии диссертатсия, ба нақшадарории ҷиддӣ ва татбиқи амалии он, интихоби усулҳои таҳқиқот равона карда шуданд.

Муаллиф шахсан тамоми ҳаҷми таҳқиқотҳои клиникиро анҷом дода,

баррасии манбаъҳои адабиёти хориҷӣ ва ватаниро таҳия карда, нишондодҳои тадқиқотҳои иммунологиро дар беморони сили шуш ва сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда мустақилона омӯхтааст ва дар асоси вайроншавиҳои ошкоршудаи иммунологӣ муаллиф муолиҷаи зиддисилии антибактериалиро бо Азитромитсин ва Тимогар гузаронида, самаранокии ин муолиҷаро исбот кардааст, инчунин, арзёбӣ ва таҳлили нишондодҳои бадастомадаро гузаронида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро тартиб додааст. Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байни донишгоҳӣ, илмӣ - амалии донишгоҳӣ, ки давоми солҳои 2018-2021 ҳам дар ҶТ ва ҳам дар хориҷи кишвар баргузор гардидаанд, пешниҳод ва муҳокима гаштаанд.

Умуман, саҳми муаллиф ҳалкунанда буда, иштироки бевоситаи ӯро дар тамоми марҳилаҳои тадқиқот ифода менамояд: аз гузоштани вазифаҳо, амалӣ намудани онҳо то муҳокимаи натиҷаҳои дар нашрияҳои илмӣ чопшуда, маърӯзаҳои илмӣ ва татбиқи амалии кор. Бобҳои диссертатсия шахсан аз тарафи худи муаллиф навишта шудаанд.

## Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия

Натиҷаҳои бадастомадаро эътимоднокии нишондодҳо, ҳаҷми кофии маводҳои тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва маводҳои нашршуда тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои муоинаи беморони гирифтори СБРАҶГ-и урогениталии бо бемории сили шуш якҷояшуда ва бидуни сирояти ҳамроҳшудаи сил асос ёфтаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва муқаррароти рисолаи баррасишавандаро таҳияи дақиқи ҳадафу вазифаҳо, мувофиқат ва комплексонкии усулҳои интихобшудаи тадқиқот ва ҳаҷми кофии маводи клиникӣ муайян намудаанд. Бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ -лабораториии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш омӯхта шудааст. Исбот шудааст, ки сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш нисбат ба беморони бе сирояти ҳамроҳшудаи сил дар синни ҷавонии репродуктивӣ (54,1% муқобили

35,6% ҳолатҳо) 1,9 маротиба бештар паҳн мешаванд.

Муайян карда шуд, ки дар беморони гирифтори бемории сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 100 (74,1%) ҳолат бо сирояти омехта зоҳир мешаванд, ки 55%-аш хламидиоз буда дар 115 (85,2%) ҳолат чараёни музмин доранд.

Исбот карда шудааст, ки дар беморони гирифтори бемории сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 88 (65,2%) ҳолат дар заминаи вайроншавии системаи интерлейкинҳо ба амал меоянд. Муайян карда шудааст, ки истифодаи Аазитромицин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муоличаи антибиотикии зиддисилӣ ба табобати клиникӣ нисбат ба муоличаи бе Тимогар 1,7 маротиба бештар (19 (31,7%) муқобили 11 (18,3%) ҳолат) оварда мерасонад.

Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар рисолаи диссертатсионии Гадоев М.А. пешниҳодшуда асоснок буда, бо маълумотҳои дақиқ асоснок карда шуда, аз натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашудаи боэътимод ва мантиқӣ бармеоянд ва ба максад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат менамоянд. Коркарди оморӣ мувофиқи талаботи ҳозираи таҳлили тадқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст.

## Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои пешниҳодкардаи муаллиф

Ба навгонии илмии кори диссертатсионии Гадоев М.А. шубҳае нест. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки бори аввал дар маводи хеле калони клиникӣ бо истифода аз усулҳои муосир ва хеле баланди иттилоотии тадқиқот, ки ба омӯзиши нишондиҳандаҳои иммунологии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш ва арзёбии самаранокии муоличаи комплексӣ бо назардошти шароити иммунологӣ нигаронида шудааст, як қатор хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод намояд, ки метавонанд ҳамчун натиҷаҳои назарраси илмӣ дар соҳаи дерматологияи амалӣ маънидод карда шаванд:

а) иттилоотнокии баланд ва арзиши амалии зуҳуроти клиникии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, дар беморони гирифтори бемории сили шуш;

б) басомади гирифторшавӣ ба сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш дар синни ҷавонии репродуктивӣ 1,9 маротиба зиёд ба назар мерасад.

в) вайроншавиҳои нишондодҳои иммунологӣ, вайроншавии системаи интерлейкинӣ дар беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ки аз бемории сили шуш азият мекашанд.

г) табобати комплексӣ бо истифодаи муолиҷаи антибиотикии зидди силӣ бо Азитромитсин ва Тимогар ва исботи самаранокии ин навъи муолиҷа.

**Аҳамияти илмӣ ва амалиии натиҷаҳои диссертатсия, имкониятҳои имконпазири истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии кори рисолаи номзадии Гадоев М.А. аз омӯзиши зуҳуроти клиникӣ ва лаборатории сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш иборат буда, муаллиф самаранокии муолиҷаи комплексиро бо назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда арзёбӣ кардааст.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар ошкор кардани саривақтии тағйироти иммунологӣ, вайроншавии низоми репродуктивӣ, мушкилиҳо ва табобати комплексии пешниҳодшуда бо истифода аз муолиҷаи антибиотикии зидди силӣ бо Азитромитсин ва Тимогар ифода ёфта, самаранокии он дар табобат исбот карда шудааст.

Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи Гадоева М.А. дар амалияи муоина ва табобати беморони гирифтори бемории сили шуш ва СБРАҶГ дар шӯъбаҳои МД «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул» ва МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина», инчунин дар Барномаи таълимии кафедраҳои дерматовенерология ва фтизиопулмонологияи Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» татбиқи худро ёфтаанд.

Тавсияҳои амалии пешниҳодкардаи муаллифро метавон дар фаъолияти табобатӣ ва ташхиси дигар муассисаҳои дерматологӣ ва фтизиатрӣ, ки бо мушкилоти сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш сарукор доранд, ҷорӣ намуд.

**Дараҷаи интишори натиҷаҳои асосии диссертатсия**

**дар матбуоти илмӣ**

Оид ба мавзӯи рисола 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда (барои нашри натиҷаҳои асосии корҳои диссертатсионӣ), нашр шуда, дар онҳо нуктаҳои асосии диссертатсия ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд.

**Рӯйхати корҳои интишорёфта аз рӯи мавзӯи диссертатсия**


1. Гадоев М.А. Омӯзиши ҳолати масунӣ ҳангоми уретритҳои ғайригонококкӣ / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода // Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. - № 2. – С. 25-30. ISSN 0514-2415.
2. Гадоев М.А. Клинико-иммунологические нарушения при негонококковых уретритах / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода // Паёми Сино. – Душанбе. – 2020. - № 1. – С. 40-44. ISSN 2074-0581
3. Гадоев М.А. Особенности клинической течения уретритов у мужчин с репродуктивным нарушением / М.А. Гадоев, Ш.А.Сохибназаров, Б.И. Саидзода, // Илм ва фановарӣ (Наука и инноватсия). – Душанбе. – 2020г. - № 4. – С. 274-278. ISSN 2312-3648.
4. Гадоев М.А. Ҷараёни инкишофи сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010 – 2019) / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода, М.М. Ахмедов, Ҷ.Т. Эмомалиев, Н.М. Нуруллаева // Авҷи Зухал. –Душанбе. – 2021. - № 2. – С. 70-75. ISSN 2616-5252.
5. Гадоев М.А. Ҳолати эпидемиологӣ вобаста бо сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2008 – 2017. / М.А. Гадоев // Авҷи Зуҳал. – Душанбе. – 2021. №4. – С. 44-50. ISSN 2616-5252
6. Гадоев М.А. Диагностика и лечение негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев // М-лы IX Республиканской научно-практич.конф. на тему «Наука и молодежь» посвященной

26-ти летию независимости республики Таджикистан и году молодежи. Республиканский медицинский колледж. г. Душанбе. – 2017. – С.121-122.

7. Гадоев М.А. Ташхис ва табобати уретритҳои ғайригонококкӣ дар мардони гирифтори ихтилолҳои репродуктивӣ / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев // Ж. Авчи Зуҳал. – Душанбе. – 2017. - № 4. – С.28-31.

8. Гадоев М.А. Диагностика и лечение уретритов / Б.И. Саидзода, М.А. Гадоев, А.Д. Мирзоев // М-лы X Республиканской научно-практич. конференции Республиканский медицинский колледж. г. Душанбе. – 2018. – С. 216-217.

9. Гадоев М.А. Усули муосири ташхис ва табобати уретритҳо дар мардон / Б.И. Саидов, М.А. Гадоев, Ш.А. Сохибназаров // Материалы 66-ой годичной научно-практической конференции ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием, посвященные «Году развития туризма и народных ремесел». – Душанбе. – 2018. Том 1. – С. 548.

10. Гадоев М.А. Современная диагностика негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / Б.И. Саидов, М.А. Гадоев // Рахмановские чтения. Московской дерматологической школе 150 лет: от истоков до современной дермато-венерологии и косметологии. XXXVI Научно-практическая Конференция с международным участием. Сборник тезисов. – Москва. – 2019. –С. 77-78.

11. Гадоев М.А. Диагностика негонококковых уретритов у мужчин с репродуктивными нарушениями / М.А. Гадоев, Б.И. Саидов // Рахмановские чтения. Московской дерматологической школе 150 лет: от истоков до современной дермато-венерологии и косметологии. XXXVI Научно-практическая Конференция с международным участием. Сборник тезисов. – Москва. – 2019.– С. 24-25.

## Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифаи матни компютерӣ мураттаб гардида, аз қисматҳои зерин иборат аст: муқаддима, шарҳу тафсири адабиёт, боби тавсифи мавод ва тасвири методҳои таҳқиқот, 3 боби таҳқиқоти худии муаллиф, муҳокимаи натиҷаҳои ба дастоварда ва рӯйхати адабиёти истифодашуда. Рӯйхати адабиёти

истифодашуда аз 163 адад иборат буда, аз онҳо 102 адад ба забони русӣ ва 61 адад бо забони хориҷӣ. Дар диссертатсия 18 диаграммаи ранга ва 18 ҷадвал ҷой дода шудааст.

**Таъйиди рисола**

Муқаррароти асосии рисола дар Конференсияи IX ва X-уми ҷумҳуриявии илмию амалии Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» (Душанбе 2017, 2018); конференсияи 66-умини илмию амалии Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино " бо иштироки байналмилалӣ (Душанбе 2018); ҷаласаи комиссияи байникафедравии проблемавӣ оид ба фанҳои муолиҷавии Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз 05.11.2021, № 6 пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд.

**Мутобиқати мазмуни рисола ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор барои ҳимоя тавсия шудааст.**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи дерматовенерологияи Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абуалй ибни Сино» иҷро карда шудааст. Дар он хусусиятҳои тағйироти клиникию лабораторпи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони гирифтори бемории сили шуш ва арзёбии самаранокии табобати комплексӣ бо назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда инъикос ёфтаанд.

Умуман, кори диссертатсионии пешниходшуда аз рӯи ихтисоси 14.01.10-Бемориҳои пуст ва зуҳравӣ мувофик буда, онро барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси номбурда пешниҳод кардан мумкин аст.

**Хулоса**

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Гадоев Маъруф Аҳмадович **«Хусусиятҳои клиникӣ -лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори СБРАҶГ дар якҷоягӣ бо сили шуш»,** ки таҳти роҳбарии номзади илмҳои тиб, дотсент Б.И.Саидзода анҷом дода шудааст, кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусие маҳсуб меёбад, ки имкон медиҳад ҳолати клиникии ҷараён ва тағйиротҳои лабораторпи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони сили шуш ва арзёбии самаранокии муолиҷаи комплексӣ бо

назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда пурра баҳогузорӣ карда шавад.

Аз рӯи мубрамият, сатҳи тадқиқоти илмӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии он дар тандурустӣ кори диссертатсионии Гадоев М.А. ба талаботи «Низомномаи намунавӣ дар бораи Шӯроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шуда, барои рисолаҳои диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб пешниҳод шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва метавонад барои ҳимояи расмӣ ба шӯрои махсуси диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи комиссияи байникафедравии проблемавӣ оид ба фанҳои бемориҳои дарунӣ, эндокринология, фтизиатрия, неврология ва дерматовенерологияи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» қабул карда шудааст.

Дар маҷлис 20 кас иштирок дошт.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» 20, «зид» - нест, «бетараф» - нест, протоколи № 4, аз 5 ноябри соли 2021.

**Раиси комиссияи байникафедравии**
**проблемавӣ оид ба фанҳои муолиҷавии**
**МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»**
**доктори илмҳои тиб, дотсент** **Саидов Ё .У.**

**Котиб, н.и.т.** **Каримова Г.Н.**
**Доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи**
**фтизиопулмонологияи МДТ «ДДТТ ба номи**
**Абӯалӣ ибни Сино»** **Бобохоҷаев О.И.**

**Номзади илмҳои тиб, раиси асотсиатсияи**
**Дерматовенерологҳо ва косметологҳои ҶТ,** **Ҳомидов М.Ф.**